Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)

ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Миралиев Салоҳиддин Абдусаломович дар мавзуи «Таъини ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст (масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08. – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи ичрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст (Душанбе, 2022. – 20 сах).

Мавзуи дар маркази таҳқиқоти диссертатсионии Миралиев Салоҳиддин Абдусаломович қароргирифта бешубҳа, мубрам буда, он ҷавобгӯи шароити кунунии тараққиёт ва рушди ҷомеа ба ҳисоб меравад. Таъини ҷазо яке аз даврахои муҳимми татбиқ намудани қонуни ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад, ки он дар асоси принсипҳои қонуни ҷиноятӣ, пеш аз ҳама принсипҳои адолат ва инсондустӣ амалӣ мегардад. Муқарраркунии ҷазо ба шахси дар содир намудани ҷиноят гунаҳгор мутобиқан ба асосҳои умумии таъини ҷазо сурат мегирад.

Суд ҳангоми таъин намудани ҷазо принсипҳои асосии ҳуқуқи ҷиноятиро ба инобат гирифта онро бо назардошти ҷинояти мушаххас ва шахсияти гунаҳгор дар доираи муқаррарнамудаи санксияи моддаи Қисми махсус таъин менамояд. Вале на ҳама вақт намуд, муҳлат ё андозаи ҷазоҳои дар санксияи моддаҳои дахлдори Қисми махсуси КҶ ҶТ муқарраршуда ба дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷинояти мушаххаси содиршуда ва шахсияти гунаҳгор аз нигоҳи принсипҳои адолат, инсондустӣ ва фардикунонии ҷазо мувофиқат менамоянд.

Дар чунин ҳолатҳо қонуни ҷиноятӣ барои босамар амалӣ шудани принсипҳои мазкур ва ҳавасмандгардонии рафтори мусбии шахс пас аз содир намудани ҷиноят қоидаи махсусро бо баромадан аз доираи ҷазоҳои дар санксияи моддаи дахлдори қисми махсуси КҶ ҶТ нишондодашударо муқаррар сохтааст. Чунин қоида дар м.63 КҶ ҶТ "Таъини ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст", мустаҳкам гардидааст.

Меъёри мазкур ифодагари принсипҳои адолат ва инсондустӣ буда, барои то ҳадди акали зарур ва кофӣ сарфакорона истифода шудани ҷазо барои таъмин намудани ноил шудан ба мақсадҳои ҷазо равона шудааст.

Муҳиммияти таҳқиқоти назариявии самтҳои гуногуни татбиқшавии м.63 КҶ ҶТ аз талаботи мақомоти судӣ вобаста ба ҷой надоштани таҷрибаи ягонаи истифодаи муқаррароти мазкури қонун, ки дар натиҷа ҷазоҳое таъин мегарданд, ки ба талаботи принсипи адолат ҷавобгӯ намебошанд, бармеояд. Ҷазоро бо истифода аз м.63 КҶ ҶТ таъин намуда, судҳо дар баъзе маврид асосҳоро барои ба таври мустасно сабуксозии ҷазо нодуруст муайян менамоянд ё тарзҳои чунин сабуксозиро нодуруст интихоб мекунанд, ки ин боиси қабули ҳукми беасос ва ноодилона мегардад. Чунин хатогиҳо албатта, якҷоя бо дигар омилҳо, муборизаи бо ҷиноятҳо заиф менамояд.

Аз тарафи судҳо аксар вақт ҳолатҳои сабуккунандаи дар қонун номбар шуда ва номбар нашуда дар маҷмуъ ба сифати ҳолатҳои мустасноӣ эътироф мешаванд. Аммо, асоснок карда намешавад, ки барои чӣ маҳз ҳолатҳои сабуккунандаи номбаршуда ҳолатҳои мустасноӣ эътироф мешаванд ва онҳо дар ҳолати мушаххаси мазкур чи тавр дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷиноятро хеле кам намуда, асос барои татбиқшавии м.63 КҶ ҶТ баромад мекунанд.

Дар баробари ин, зарурати таҳлили илмӣ-назариявии «Таъини ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст (масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ)», масъалаи рӯзмарра ва актуалӣ боқӣ мемонад, ки ба он муаллиф дар муқаддимаи рисолаи худ таъкид намудааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки масъалаҳои «Таъини ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст (масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ)», ба таври ҷиддӣ масъалаҳоеро ба миён меоранд, ки ба амнияти кишвар, арзишҳою падидаҳои демократӣ, меъёрҳои ахлоқӣ ва адолати ичтимоӣ халал расонида, ба рушду устувории давлат ва тартиботи ҳуқуқии он зарар мерасонанд.

Бинобар ин, таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ Миралиев Салоҳиддин Абдусаломович масъалаи мубрам мебошад. Аз таҳлили амиқ ва баррасии ҳамаҷонибаи масъалаҳои дар автореферат зикргардида ба хулосае омадан мумкин аст, ки сохтори таҳқиқот пай дар пай ва бо риояи мантиқи илмӣ таҳия гардидааст. Автореферати диссертатсия ҳамаи талаботи ҷойдоштаро дар худ ғунҷонида, натиҷаҳои пурра ва

босамари таҳқиқотро ифода намудааст. Бешубҳа метавон гуфт, ки натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодашуда барои илмҳои ҳуқуқшиносӣ ва амалияи ҳуқуқшиносӣ аҳамияти назарраси назариявию амалиро соҳибанд.

Аз моҳияти интишороти муаллиф, ки 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст, бармеояд, ки таҳқиқбаранда оид ба паҳлӯҳои гуногуни «Таъини ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст (масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ)», таҳқиқоти зиёд амалӣ намуда, натиҷаҳои онро дар шакли мақолаҳои илмӣ ба чоп расонидааст. Натиҷаҳои таҳқиқҳои илмии муаллиф дар конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ ироа гардидаанд, ки гувоҳӣ аз масъулияти муаррифии илми ҳуқуқшиносии ватанӣ дар сатҳҳои гуногун аз ҷониби диссертант мебошад.

Таҳлили автореферати диссертатсияи Миралиев Салоҳиддин Абдусаломович дарак медиҳад, ки рисолаи илмӣ дар заминаи қонунгузории миллӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ анҷом дода шуда, дар натиҷа роҳҳои такмили қонунгузории соҳавӣ пешбинӣ гардидаст.

Аз мазмуну мухтавои автореферати мазкур бармеояд, ки муаллиф то ҳадди зарурӣ масъалаҳои дар наздаш гузошташударо ҳал намудааст, вале дар баробари муваффақиятҳои зиёд, инчунин ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки баҳснок ва посухталаб мебошанд:

1. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ ба назари олимони ватанӣ, вобаста ба мавзуи баррасишаванда ва падидаҳои бо он алоқаманд камтар таваҷҷуҳ зоҳир гардидааст. Бояд иброз дошт, ки мақсади асосии фароҳам овардани шароит барои ҳимояи рисолаҳои илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ин рушди илми ватанӣ, аз ҷумла, соҳаи ҳуқуқшиносӣ ба ҳисоб меравад, аммо илми ватанӣ дар он сурат инкишоф меёбад, ки агар ҳангоми навиштани рисолаҳои диссертатсионӣ таваҷҷуҳи бештар ба олимони ватанӣ зоҳир карда шавад. Аз ин рӯ, сабаби асосии ба таври зарурӣ таҳлил нагардидани асарҳои олимони ватанӣ дар соҳаи ҳуқуқшиносӣ дар диссертатсия шарҳи муаллиф талаб карда мешавад.

2. Дар саҳифаи 14-и автореферат муаллиф баён менамояд, ки масъалаи татбиқ гаштани м.63 КҶ ҶТ ҳангоми дар баробари ҳолатҳои мустасноӣ ҷой доштани ҳолатҳои вазнинкунанда дар назарияи ҳуқуки ҷиноятӣ баҳснок мебошад. Вале андешаву хулосаи

доир ба ин масъала баён накардааст.

Мулоҳизаҳои мазкур ҳангоми баҳодиҳии мусбати автореферати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайянкунандаро намебозанд ва танҳо шаҳодати он мебошанд, ки масъалаҳои баррасишаванда хеле муҳим буда, мураккаб ва баҳсноканд.

Дар маҷмуъ, аз таҳлилу баррасии автореферати мазкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки Миралиев Салоҳиддин Абдусаломович дар мавзуи «Таъини ҷазои сабуктар нисбат ба ҷазое, ки барои ин ҷиноят пешбинӣ шудааст (масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ)» таҳқиқоти комили маҷмӯӣ анҷом додааст.

Автореферати диссертатсия ва дастгоҳи илмии таҳқиқот ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он - Миралиев Салоҳиддин Абдусаломович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08. – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Тақриздиҳанда:

Мудири шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор **Буризода Э.Б.**

Имзои Буризода Э.Б.-ро тасдиқ менамоям:
Нозири калони кадрҳои ИФСҲ АМИТ **Шоҳедов Х.Н**

«11» 01 **2023 с.**